# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KAO-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Иноятзода Афрӯза Ислом ба яке аз мавзуъҳои мубрами мурофиаи судии ҷиноятӣ бахшида шуда, натиҷаҳои илман асосноки он имкон медиҳад, ки роҳҳои ҳалли дақиқ ва ба воқеияти имрӯза қобили қабули баҳсҳои назариявӣ, такмил додан ва асоснок кардани андеша ва ғояҳои самаранок, воқеан амалӣ шудани кафолатҳои конститутсионии адолати судӣ дарёфт гарданд.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти конститутсиониро дар бораи ҳуқуқи ҳар як шахс ба ҳимоя ва дастрасӣ ба адолати судӣ тақвият бахшида, амалишавии онҳоро бо роҳи муқаррар намудани маҷмӯи муайяни кафолатҳои мурофиавӣ мушаххас кардааст. Ҳамзамон, масъалаи танзими ҳуқуқӣ ва амалисозии воқеии кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ нисбат ба айбдоршаванда ва судшаванда аз сабаби баҳсбарангез будани як қатор ҷанбаҳои моддии мазмуну фаҳмиши он зарурати таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмиро ба миён овардааст.

Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалияи баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда, умумият ва тафовути «муҳокимаи ошкоро ва пӯшидаи судӣ», «мурофиаи ғоибона», «пешбурди ғоибона», «муҳокимаи судӣ бе иштироки судшаванда», «мурофиаи содакардашудаи судӣ», «шакли ғоибонаи баамалбароии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ», инчунин роҳҳои ҳалли муаммои назариявӣ ва таъсири онҳо ба воқеияти кафолати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои судшаванда мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд, ки мутобиқ ба бартарияти ҳуқуқу озодиҳои шахс татбиқ шудани натиҷаҳои таҳқиқот воқеан ба ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи парвандаи ҷиноятӣ мусоидат мекунанд.

Бо вуҷуди дар назарияи ҳуқуқ пиромуни мазмуни кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун воситаҳои расмии таъмини ҳуқуқҳои шахс пешбарӣ шудани ақидаҳои гуногун, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки нуқтаи назари муаллифона оиди он, ки кафолати мурофиавӣ ҳамчун уҳдадории расмии давлат оид ба вуҷуд овардани шарту шароити боэътимод,

умумиҳатмӣ ва тағйирнопазир барои амалишавии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, асоснок карда шавад.

Рушди низоми ҳуқуқи миллӣ мутобиқ ба санадҳои байналмилалӣ, ҷараён ва натиҷаи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон дар самти танзими боэътимоди муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, бартараф карда шудани номутобиқатии меъёрҳо, саҳеҳ ва дақиқ амалӣ шудани онҳо, аз ҷумла ба зарурати васеъ кардани имконият ва баробарии тарафҳо бо роҳи коркард ва асоснок кардани роҳҳои таъмини кафолатҳои мурофиавии ҳуқуқ ба дастрасии адолати судӣ ба ҳар як шахс дар маркази таҳқиқот қарор дода шудааст.

Дар шароити рушди низоми ҳуқуқӣ ва асосҳои бунёдии адолати судӣ, мутобиқгардонии меъёрҳои адолати судӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва такмил дода шудани меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии миллӣ, таҳкими кафолати ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мубрам арзёбӣ шудааст, ки натиҷаҳои он ба ғанӣ гаштани мазмун ва моҳияти ҳуқуқҳои инсон таъсирбахш буда, минбаъд дар санадҳои расмӣ шакли меъёрӣ гирифтани онҳо зинаи ногузир дониста мешавад.

Баҳри таъмин гаштани кафолатҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии судшаванда дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ (м. 2 КМҶ ҶТ) мувофиқ дониста шудааст, ки иштироки судшаванда на танҳо дар муҳокимаи судии марҳилаи аввал ҳангоми моҳиятан баррасӣ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ, балки зимни муҳокимаи судӣ оид ба баррасии дархост дар бораи татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавӣ дошта (м.м. 111, 116 КМҶ ҶТ) ва муҳокимаи судӣ оид ба баррасии шикоят аз болои санад, амал ва беамалии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ (м. 124 КМҶ ҶТ) шарти ҳатмии муҳокимаи судӣ дониста мешавад. Дар радифи хулосаҳои ба ҳимоя пешбаришаванда баҳри бартараф карда шудани духура ифода ёфтани мафҳум, истилоҳ ва меъёрҳои мурофиавӣ ва истисно карда шудани «мурофиаи ғоибона», инчунин барои таъмини риоя ва иҷрои тартиби ягона ва умумии бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ бо пешниҳодҳои муаллифона асоснок шудааст, ки бо ҳамин ваҷҳ дар матни м.м. 248, 280 КМҶ ҶТ пешниҳод оид ба иваз намудани ибораи «дар ғоибии» бо ибораи «бе иштироки судшаванда» карда шудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф мутобиқ ба тағйиротҳои куллие, ки дар натиҷаи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар кишвар ба вуқӯъ омаданд, омода шуда, ба таъмини иҷроиши ухдадории давлат оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузи ҷиноят ва ҷинояткорӣ, амалишавии воқеии мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, кафолати ҳимоя аз

айбдоркунии беасос, беасос маҳкум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба такмил дода шудани мазмун ва низоми принсипҳои адолати судӣ дар Тоҷикистон равона карда мешаванд.

Ҷиҳатҳои номбаршуда, мубрамияти мавзуи таҳқиқотро ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалияи судӣ тасдиқ менамояд.

**2.** Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз ҷониби муҳаққиқ мустақилона навишта шуда, дорои мазмуни ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти амалияи муҳокимаи судӣ ва дар раванди таълим васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Бинобар ин, диссертатсияи мазкур ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**3.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ, мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 07 январи соли 2022, тахти №15/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо ба ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**4.** Натиҷаи асосии таҳқиқот дар 12 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адад мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**5.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии Иноятзода Афрӯза Ислом истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути қоидаи иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ нишон медиҳад.

**6.** Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар корҳои аз ҷониби ӯ анҷомдодашуда, мавҷуд намебошанд.

Банди 61-уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-ми июни соли 2021,№ 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария,

танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки ба Шурои 6D.КАО-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

– Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм;

– Завқизода Солеҳ Амин –номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Директори Маракази таълимии судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Коимиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Мирзамонзода Х.М.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурории
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдуллозода П.С.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муаллими калони кафедраи
криминалистика ва фаъолияти
экспертизаи судии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Аҳмадзода М.С.

**Имзои Мирзамонзода Х.М., Абдуллозода П.С. ва Аҳмадзода М.С. -ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
«8» 02 2025 с.